# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати **Самадов Миршод Самадович** дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи Самадов Миршод Самадович дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” ба таҳқиқи масъалаҳои тайёрии касбии донишҷӯёни муассисаҳои олӣ дар самти омодашавӣ ҳамчун омӯзгорони фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” бахшида шуда, ба бандҳои шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 «Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ» (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқати комил дорад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар даврони муосир яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлату ҳукумати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳу сифати таълим маҳсуб меёбад. Нуқтаи мазкур ҳамасола дар паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсусан зикр мегардад. Ин падидаи табиист, зеро пешрафти ягон кишварро бе пешрафти илму маориф тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Дар ин росто, дар баробари баланд бардоштани сатҳу сифати таълими фанҳои гуногун, такмил бахшидан ба сатҳу сифати таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон низ муҳим ва саривақтӣ аст. Зеро ин самти афзалнок низ, ки мавриди диққати махсуси давлату ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад, ба таъмини тандурустӣ, солимияти насли наврас ва масъалаи тарбияи ҷисмонии онҳо нигаронида шудааст.

Аз ин лиҳоз, дар кори диссертатсионии Самадов Миршод Самадович масъалаи тайёрии касбии омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ мавриди ҳалу фасли ҳамаҷониба гардида, аз нигоҳи муҳаққиқ ба таҷдиди илмӣ-назариявӣ

ва амалӣ равона шудааст. Бино бар гуфтаи муаллифи рисола, шароитҳое, ки дар ин самт фароҳам оварда шудаанд, ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки дар раванди омодагӣ ба касби интихобшуда ва фаъолияти педагогӣ сифатҳои баргузидаи фаъолияти хешро ташаккул диҳанд. Барои ин бо дарназардошти технологияҳои инноватсионии илмӣ-педагогӣ низоми нави амалкунанда ва рушдёбандае таҳия шудааст, ки ҳадафи асосии он омода сохтани омӯзгори соҳибсалиқа, салоҳиятманд ва ба касби худ содиқ мебошад.

Ҳадафи асосии таҳқиқот бо он арзёбӣ мегардад, ки омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» дар партави корбасти усули таълими ҳамгиро (интегратсия) сурат гирифта, дар чаҳорчӯбаи устувори рукнҳои маромнокӣ ва арзишмандӣ, эмотсионалӣ-иродавӣ, мазмунӣ-амалиётӣ (оператсионалӣ) ва ҷисмониву эҷодӣ рушд меёбад.

Фарзияи илмии таҳқиқот воқеъбинона, аз нигоҳи илмӣ-назарӣ пешбинӣ гардида, раванди ташаккули самараноки омодагии омӯзгори оянда аз фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» ба василаи татбиқи амсилаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» дар партави ба инобатгирии хусусиятҳои фардӣ-психологии донишҷуён-омӯзгорони ихтисоси “Тарбияи ҷисмонӣ” пешбинӣ шудааст. Ба андешаи муаллиф, дар баробари рушди ҷисмонӣ ба рушди психикию маънавии донишҷӯён-омӯзгорониояндаи фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” диққати махсус дода мешавад. Зиёда аз ин, ҷиҳати мусоидат намудан ба рушди маърифатии омӯзгорониояндаи “Тарбияи ҷисмонӣ” фаъолияти зина ба зина пешравӣ ва такмили салоҳиятмандии онҳо пайгирӣ гардида, барои донишҷӯён дар интихоби шаклу гунаҳои ташаккули касбӣ-маърифатӣ вусъати кори мустақилона ва омӯхтани таҷрибаи пешқадами омӯзгорни ин фан тавсия шудааст.

Дар диссертатсия вазъи воқеӣ ва роҳу усули ташкилӣ-педагогии ташаккули омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» равшан гардида, сохти модулии омодагии касбии омӯзгори оянда, низоми рейтингии арзёбии дониш, малака ва маҳорат, ҷорӣ намудани шаклҳо, усулҳо ва васоити нави ташкили таълим, ҳамгироии мундариҷаи фанҳои гуногуни таълимӣ, худбаҳодиҳии донишҷӯ дар фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва варзишӣ, ташвиқи ӯ ба кори бошуурона ва мақсаднок, густариши фаъолияти таълимӣ-

ҷустуҷӯии донишҷӯён, ҳавасмандгардонии донишҷӯён ҳини мустақилона интихоб кардани гунаҳои (вариант) ташаккули касбӣ ва, ниҳоят, тавассути низоми назорати рейтингӣ мунтазам тафтиш намудани сатҳи дастовардҳои таълимии донишҷӯён муайян ва мушаххас гардонида шудааст.

Боиси зикр ва тавсифи унвонҷӯй аст, ки дар рисолаи амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда дар доираи таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” коркард гардида, ҳадафҳо, принсипҳо, ҷанбаҳои сохторӣ, шароит ва технологияи татбиқи онҳо ҳалу фасл шудааст. Ба сифати меъёрҳои муҳимми омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» мавҷудияти нақшаи дақиқи касбӣ, қобилияти ташкили ҳамкории судманди омӯзгор ва муҳассилин, гуногунҷабҳагӣ, фарохӣ ва умқи донишҳои устод, вазъи саломатӣ, рушди ҷисмонӣ ва омодагии функсионалии донишҷӯён дар фаъолияти минбаъдаи педагогӣ муҳим шуморида шудааст. Дар робита ба ин масъалагузорӣ дар кори диссертатсионӣ зинаҳои омодагии омӯзгор ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” муқаррар карда шудаанд.

Аҳаммияти таҳқиқоти диссертатсионии Самадов Миршод Самадович дар он аст, ки он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорониояндаи тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар чаҳорчӯбаи “Стратегияи миллии рушди таҳсилот то давраи соли 2030”, ки дар низоми таҳсилоти кишвар, махсусан, вобаста ба гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим коркард ва пешниҳод шудааст.

Таҳқиқоти мазкур дорои аҳаммияти амиқи назариявию амалӣ буда, ошкор ва асоснок намудани ҷанбаҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорониояндаи тарбияи ҷисмонӣ дар раванди таҳлили адабиёти педагогӣ ва психологӣ, муайян намудани моҳият ва мазмуни истилоҳи омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” таҳлилу таҳқиқи комил пайдо кардааст.

Муаллифи диссертатсия дар заминаи ҳадафи таҳқиқот ва фарзияи он ҳалу фасли проблемаҳои муҳимро ба монанди: ҷустуҷӯ, муайянсозӣ ва асосноккунии роҳу усулҳои самараноки ташаккули сифатҳои касбии омӯзгори фанни тарбияи ҷисмонӣ, зимни таҳлили адабиёти педагогӣ ва

психологӣ муайян намудани моҳият ва мазмуни истилоҳи омодагии омӯзгори ин фан ва амсоли онро ба риштаи таҳқиқ ва пажуҳиш кашидааст. Боиси зикр аст, ки унвонҷӯй дар масири ҳалли масоил ва вазифаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошта ноил ва комёб ҳам шудааст.

Дараҷаи навгонӣ ва натиҷаҳои дар кори диссертатсиинии мазкур бадастомада, нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, ҷолиби эътибор ва арзёбӣ мебошанд.

Қабл аз ҳама, фарогири бовусъати ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсияро қайд менамоем. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи унвонҷӯ, хулосаву тавсияҳои илмӣ-амалии коркард ва пешниҳоднамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштташударо пурра ҳаллу фасл кардааст ва дар ин росто фарзияи илмии рисола тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, таҳлилу баррасии ғояи илмӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда нуктаҳои муҳимро собит месозанд. Аз ҷумла:

- ба мазмун ва моҳияти мафҳуми омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" саҳеҳият ворид карда, сохтори он, ҳамчун шакли ташкили мураккаби иборат аз ҷузъҳои гуногун, мушаххастар карда шудааст;

- ҷузъҳои таркибии омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» ва зинаҳои инкишофи он муайян карда шуданд;

- шароитҳои ташкилӣ-педагогии ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" дақиқ карда шуданд;

- амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" таҳия ва дар раванди фаъолияти таълимии донишҷӯён роҳандозӣ гардидааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки дастовардҳо ва тамоюлҳои рушди педагогикаи муосир дар самти таҳсилоти касбӣ дар алоқамандӣ бо омодагии касбии мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ҳаллу

фасл гардидааст. Инчунин, баҳамалокамандӣ ва ҳамкории ҷузъҳои асосии омодагии донишҷӯ-омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» асоснок карда шуда, исбот карда шудааст, ки натиҷаи чунин ҳамкорӣ боиси роҳандозии сифатҳо ва омилҳои нав мегарданд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки дар раванди озмоиши педагогӣ маҳсулнокии амсила ва барномаи ташаккули омодагии донишҷӯ-омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» санҷида шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои методие пешниҳод гардидаанд, ки ба омӯзгорони муассисаҳои олии касбӣ ҷиҳати омода намудани мутахассисони варзида дар самти таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" ҳамчун дастур роҳнамо хоҳанд шуд. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар таҳияи фанҳо ва курсҳои махсус дар системаи таълими касбии омӯзгори оянда дар факултаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва, инчунин, дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорон бомуваффақият истифода намуд.

Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд. Аз ҷумла:

1. Омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ»-ро мо ҳамчун шакли ташкили усули таълими ҳамгиро (интегратсионӣ)-и шахсияти донишҷӯ баррасӣ намудем, ки дорои сохтори мураккаб буда, дар ҳамкории ҷудонопазири ҷузъҳои маромӣ-арзишӣ, эмотсионалӣ-иродавӣ ва дар мазмуну амалиётӣ (оператсионалӣ) ва қобилияти ҷисмониву эҷодӣ арзёбӣ хоҳад гашт.

2. Ба сифати меъёрҳои омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» унсурҳои зерин муқаррар гардиданд: мавҷудияти нақшаи дақиқи ҳаётӣ ва касбӣ; қобилияти ташкили раванди ҳалли масъалаҳои таълимии устод – омӯзгор, гуногунҷабҳагӣ, фароҳӣ ва умқи донишҳои ӯ; вазъи саломатӣ, рушди ҷисмонӣ ва омодагии функсионалии омӯзгори оянда; мавҷудияти услуби инфиродӣ дар фаъолияти педагогӣ. Ва бояд таъкид сохт, ки зимни меъёрҳои мазкур зинаҳои омодагии омӯзгор ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" муайян карда шудаанд.

3. Амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" коркард гардидааст, ки он мақсад, принсипҳо, ҷузъҳои сохторӣ, шароит ва технологияҳои татбиқи онро дар бар мегирад.

4. Шароитҳои ташкилӣ-педагогии ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» мушаххас таъкид шудаанд, ки инҳоянд: сохти модулии мундариҷаи тайёрии касбӣ; системаи рейтингӣ барои арзёбии дониш, малака ва маҳорат; ҷорӣ намудани шаклҳо, усулҳо ва васоити нави ташкили таълим; ҳамгиро кардани мундариҷаи фанҳои гуногуни таълимӣ; худбаҳодиҳии донишҷӯ дар фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва варзишӣ ва ташвиқи ӯ ба кори бошуурона ва мақсаднок; тадриҷан мураккаб намудани фаъолияти таълимӣ-ҷустуҷӯии донишҷӯён; ҷиҳати ҳавасмандгардонии донишҷӯён фароҳам овардани шароит барои мустақилона интихоб намудани гуна (вариант)-ҳои ҳалли масъалаҳои касбӣ ва системаи назорати рейтингӣ; ниҳоят, тавассути низоми назорати рейтингӣ мунтазам тафтиш намудани сатҳи дастовардҳои таълимии донишҷӯён.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар доираи истифодаи методҳои объективонаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои мувофиқи озмоиш ва методологияи мувофиқ, маълумоти аз манбаъҳои гуногун бадастомада, маълумоти омории озмоишӣ, иштирок ва назорати шахсии муаллиф дар раванди корҳои озмоишӣ, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба таҳқиқотҳои дигари педагогӣ, тафтиш ва назорати шароити муайяншудаи ташкилию педагогӣ бо натиҷаҳои бадастомада ва, ниҳоят, дар иртибот бо маълумоти таҳқиқотҳои дигари психологӣ ва педагогӣ санҷида шудааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф ҳамчун устоди кафедраи "Тарбияи ҷисмонии Донишкадаи омӯзгории ш. Панҷакент, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин мегардад.

Натиҷаҳои таҳқиқот тавассути маърӯза ва гузоришҳо дар ҷаласаҳои кафедраи тарбияи ҷисмонии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри

Панҷакент, ДОДТ ба номи С. Айнӣ, нашри мақолаҳои илмӣ, тезисҳо, инчунин, дар конфронсҳои илмии аспирантҳо ва довталабон, конфронсҳои таълимӣ ва методии ДДХ, Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ (2017 - 2019), Донишгоҳи давлатии Хоруғ баррасӣ гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин, дар ҷараёни машғулиятҳои таълимӣ дар ДОТ дар шаҳри Панҷакент ва дар ДДХ татбиқ карда шудаанд. Ниҳоят, маводи таҳқиқотро метавон дар барномаҳои таҷрибаомӯзии донишҷӯёни курси 3-4-и муассисаҳои таълимии сатҳҳои гуногун, силсилаи лексияҳо барои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар заминаи Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз руйи мавзуи диссертатсия зиёда аз 11 мақолаву дастурҳои илмӣ-методӣ, аз ҷумла, 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 номгӯй аз онҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳо нашр шудаанд.

Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи матлаб аст. Чунончи, тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф собит месозад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқ талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо услуби илмии забони тоҷикӣ навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои

алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:

Дар баробари дастовардҳои муҳимми илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия ба манфиат хоҳад анҷомид. Ҷунончи:

1. Дар рисола таҳлили фаъолияти омӯзгорони мактабҳои олии ҷумҳурӣ аз нигоҳи таълими босифат ва босалоҳият, ки дар сохтори онҳо кафедраи "Тарбияи ҷисмонӣ" мавҷуд аст, мушоҳида нагардид. Хуб мебуд агар унвонҷӯ фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси муваффақият ва камбудиҳои фаъолияти омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ, сатҳ ва дараҷаи иштироки донишҷӯёни риштаҳои гуногун ба машғулиятҳо, истифода аз роҳу усули пешқадами таълими ин фан дар муқоиса бо мактабҳои олии дигар мавриди тахлил, ҷамъбаст ва хулосабарорӣ қарор мегирифт.

2. Хуб мебуд, агар дар рисола оид ба таҷрибаи пешқадами омӯзгорони фанни "Тарбияи ҷисмонӣ"-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ таҳлил ва арзёбӣ мегардид, зеро таҷриба кардани ин роҳи таҳқиқ ба муаллиф имкониятҳои бештарро дар мавриди ҷӯстуҷуи роҳу усулҳои пешқадам фароҳам меовард.

3. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

Хулоса, диссертатсияи Самадов Миршод Самадович кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи хуби илмӣ ба иҷро расидааст.

Довталаб ба ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра ноил шудааст. Вазифаҳои дар назди диссертатсия гузошташуда ҳаллу фасл ёфтаанд ва дар ин замина фарзияи таҳқиқот низ тасдиқи худро ёфтааст.

Диссертатсияи Самадов Миршод Самадович дар мавзуи “Асосҳои педагогии тишаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба талаботи Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Самадов Миршод Самадович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
доктори илмҳои педагогӣ, ректори
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов,
профессор Сафаров Шодӣ Асомудиннович

25.01.2024

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: Контактная информация: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Лучоб, 53; E- mail: mehrpaivand @inbox.ru; Тел. 2245687

Имзои Ш.А.Сафаровро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДТҶТ ба номи С. Раҳимов Расулов Маъруф